**аз 23.02.2023, №29**

Дар бораи Тартиб ва шартҳои
фаъолияти машваратчиёни мустақили андоз ва аттестатсияи
тахассусии онҳо

070.030.000

Мутобиқи қисми 4 моддаи 154 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 тасдиқ карда шудааст,

Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Тартиб ва шартҳои фаъолияти машваратчиёни мустақили андоз ва аттестатсияи тахассусии онҳо тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир - сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Вазир Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор

Мувофиқа карда шуд:

К.Гулмуродзода______________

З.Шодиён _______________

Б.Сатториён _______________

Ш.Хайруллозода _______________

Замима
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_23_»__02__ соли 2023, №29

Тартиб ва шартҳои
фаъолияти машваратчиёни мустақили андоз ва аттестатсияи
тахассусии онҳо

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиб ва шартҳои фаъолияти машваратчиёни мустақили андоз ва аттестатсияи тахассусии онҳо (минбаъд – Тартиб) мутобиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 154 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) таҳия гардида, тартиб ва шартҳои фаъолияти машваратчиёни мустақили андоз ва аттестатсияи тахассусии онҳоро муайян менамояд.

## 2. ТАРТИБ ВА ШАРТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МАШВАРАТЧИЁНИ МУСТАҚИЛИ АНДОЗ

2. Машваратчиёни мустақили андоз ин шахсоне мебошанд, ки хизматрасониҳои машваратиро оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳо ва пешниҳоди ҳисоботҳо (эъломияҳо)-и андоз, инчунин оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагон дар асоси шартнома анҷом медиҳад.

3.Машваратчиёни мустақили андоз шахсони зерин буда метавонанд:

- шахси воқеие, ки дорои шаҳодатномаи тахассусии машваратчии мустақили андоз мебошад (минбаъд-Шаҳодатномаи тахассусӣ);
- шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳайати он на камтар аз 3 (се) нафар дорои Шаҳодатномаи тахассусӣ мебошанд.

4. Шахсоне, ки хоҳиши машваратчии мустақили андоз шуданро доранд (минбаъд-довталаб) ва ба талаботи тахассусии дар банди 5 Тартиб пешбинишуда ҷавобгӯ мебошад, бо ариза ва ҳуҷҷатҳои дар банди 18 Тартиб пешбинишуда барои иштирок дар курси махсуси омодасозӣ машваратчиёни мустақили андоз ба муассиса ва ё марказҳои таълимие, ки ҳуқуқи баргузор намудани чунин курсҳоро дорад, мурочиат менамоянд.

5. Довталаб барои иштирок дар курси махсуси омодасозии машваратчиёни мустақили андоз бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- дорои таҳсилоти олии (бакалавр ё мутахассис) иқтисодӣ ва ё ҳуқуқшиносӣ;

- дорои собиқаи корӣ на кам аз 5 сол аз рӯйи ихтисоси иқтисодӣ ва ё ҳуқуқшиносӣ;

- надоштани доғи судӣ барои ҷиноятҳои иқтисодӣ.

6. Хизматрасонии машваратӣ (минбаъд- машваратдиҳӣ) оид ба масъалаҳои андоз ин пешниҳоди кумаки тахассусӣ ва касбӣ аз ҷониби машваратчиёни мустақили андоз ба андозсупорандагон вобаста ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо мутобиқи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои андоз  дар асоси шартнома мебошад.

7.  Машваратдиҳӣ дар асоси шартнома вобаста ба масъалаҳои зерин анҷом дода мешавад:

1) машваратдиҳӣ ба андозсупорандагон оид ба масъалаҳои андоз, аз ҷумла оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ ва ҳисоботдиҳӣ ва таҳияи ҳуҷҷат ва ҳисоботҳои андозӣ;

2) машваратдиҳӣ дар мавриди баргардонидани маблағҳои андозҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳои барзиёд пардохтшуда, ситонидашуда ва товони зарари аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти андоз расонидашуда;

3) машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ дар мақомоти судӣ, андоз ва мақомоти дигари давлатӣ баррасишаванда.

## 3.МАҚСАД, ВАЗИФАҲО ВА ПРИНСИПҲОИ МАШВАРАТДИҲӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ

8. Мақсади машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои андоз иҷрои уҳдадориҳои андозии андозсупорандагон, аз ҷумла дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ ва ҳисоботдиҳӣ, таҳияи ҳуҷҷат ва ҳисоботҳои андозӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва судӣ мебошад.

9.  Вазифаи машваратчиёни мустақили андоз ин дар асоси маълумоти ба он пешниҳодшуда бо фармоиш ва (ё) аз номи андозсупоранда расонидани кумак дар иҷрои уҳдадориҳои андозии андозсупоранда ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо дар асоси шартнома мебошад.

10. Машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои андоз ба принсипҳои  қонуният, омодагии касбӣ, мустақилият, ростқавлӣ, холисона, риояи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асос меёбад.

## 4. ҲУҚУҚ, УҲДАДОРӢ ВА МАСЪУЛЯТИ МАШВАРАТЧИЁНИ МУСТАҚИЛИ АНДОЗ

11. Машваратчиёни мустақили андоз ҳуқуқ доранд:

- ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти касбии худ «машваратчии андоз» номида шавад;

- дар суд ва дигар мақомот ба сифати коршиноси мустақил оид ба баҳсҳои андозбандӣ иштирок намояд;

- аз андозсупоранда ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумоти барои амалӣ намудани машварати андоз заруриро гирад;

- аз хизматрасонии машваратӣ даст кашад, агар андозсупоранда ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумоти барои амалӣ намудани машварати андоз заруриро пешниҳод нанамояд;

- дар рафти назорати андозӣ, аз ҷумла санҷишҳои андоз хизматрасониҳои машваратии андозро ба андозсупоранда таъмин намояд;

- бо розигии андозсупоранда, ки бо он шартнома ба имзо расонида шудааст, барои иштирок дар машварати андоз дигар мутахассисонро ҷалб намояд;

- машваратчиёни мустақили андоз дорои дигар ҳуқуқҳое мебошанд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

12. Машваратчиёни мустақили андоз уҳдадоранд:

- бо дархости андозсупоранда ҳангоми бастани шартнома оид ба хизматрасонии машваратии андоз Шаҳодатномаи тахассусиро пешниҳод намояд;

- ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандаро дар асоси шартнома ҳифз намояд;

- махфияти маълумоти дар рафти машварати андоз гирифташударо нигоҳ дорад;

- дар сурати ошкор шудани далелҳое, ки аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти далатӣ ва кормандони он ба андозсупоранда зарар расонида шудааст, инчунин оид ба қонунвайронкунии ошкоршуда ба андозсупоранда хабар диҳад;

- барои бартараф намудани қонунвайронкунии ошкоршудаи андозии андозсупоранда мусоидат намояд;

- натиҷаи хизматрасонии анҷомдодаи машваратии андозиро ба андозсупорандае, ки бо он шартнома оид ба хизматрасонии машваратии андоз ба имзо расонидааст, дар шакли ҳисобот пешниҳод намояд;

- сатҳи касбии худро баланд бардорад;

- машваратчиёни мустақили андоз уҳдадориҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузориро иҷро менамоянд.

13. Машваратчиёни мустақили андоз масъул мебошанд:

- барои фош намудани сирри тиҷоратӣ ва маълумот дар бораи фаъолияти андозсупоранда, ки дар ҷараёни иҷрои ухдадориҳои шартномавӣ бо андозсупоранда ба он маълум шудааст;

- барои иҷрои ғайрикасбии машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳои андоз, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба андозсупоранда дар натиҷаи машваратдиҳии нодуруст гардидааст;

- барои додани машварати ғайриқонунӣ бо мақсади саркашии андозсупоранда аз пардохти андозҳо.

## 5. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОР НАМУДАНИ КУРСҲОИ МАХСУСИ ОМОДАСОЗИИ МАШВАРАТЧИЁНИ МУСТАҚИЛИ АНДОЗ

14. Бо мақсади ташкил ва баргузор намудани курсҳои махсуси омодасозии машваратчиёни мустақили андоз аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассиса ва ё марказҳои таълимӣ тибқи тартиби муқарраргардида шартнома ба имзо расонида мешавад.

15. Муассиса ва ё марказҳои таълимие, ки бо онҳо тибқи банди 14 Тартиб шартнома ба имзо расонида шудааст, ҷиҳати ҷалби довталабон барои иштирок дар курсҳои махсуси омодасозии машваратчиёни мустақили андоз на дертар аз 1 моҳи тақвимӣ то қабули ҳуҷҷатҳо тавассути воситаи ахбори омма эълон нашр менамояд.

16. Барномаи таълимии курси махсуси омодасозии машваратчиёни мустақили андоз аз ҷониби муассиса ва ё марказҳои таълимӣ таҳия гардида, барои мувофиқа ва тасдиқ ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

17. Курси махсуси омодасозии машваратчиёни мустақили андоз музднок буда, нархномаи он аз ҷониби муассиса ва ё марказҳои таълими тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва бо мақоми ваколатдори давлатии зиддиинҳисорӣ мувофиқа карда мешавад.

18. Барои иштирок дар курси махсуси омодасозии машваратчиёни мустақили андоз ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- ариза;
- нусхаи шиноснома;
- тарҷумаи ҳол;
- 2 дона акси андозаи 4х6;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- нусхаи гувоҳиномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;

- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ барои ҷиноятҳои иқтисодӣ;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи  пардохти маблағи таҳсил.

19. Пас аз ба итмом расидани курси махсуси омодасозӣ машваратчиёни мустақили андоз таҳти аттестатсияи тахассусӣ фаро гирифта мешавад, ки он аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешавад.

## 6. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ АТТЕСТАТСИЯИ ТАХАССУСИИ МАШВАРАТЧИЁНИ МУСТАҚИЛИ АНДОЗ, ДОДАНИ ШАҲОДАТНОМАИ ТАХАССУСӢ, ҚАТЪИ АМАЛ ВА БЕКОРКУНИИ ОН

20. Барои баргузор намудани аттестатсияи тахассусии машваратчиёни мустақили андоз дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи аттестатсионӣ ташкил карда шуда, метавонад тибқи тартиби муқарраргардида намояндаи дигар мақомоти давлатӣ ҷалб карда шавад.

21. Комиссияи аттестатсионӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- мутобиқати талаботи тахассусии машваратчиёни мустақили андоз ва давомоти курсҳоро баррасӣ менамояд;

- дар доираи барномаи таълимӣ саволномаҳои аттестатсионӣ, ки то баргузории аттестатсия махфияти он нигоҳ дошта мешавад, тартиб медиҳад;

- санаи баргузории аттестатсияро муайян менамояд;

- аттестатсияи тахассусии машваратчиёни мустақили андозро мегузаронад;

- дигар амалҳоеро, ки барои иҷрои вазифаҳои комиссияи аттестатсионӣ заруранд, татбиқ менамояд.

22. Аттестатсияи тахассусии машваратчиёни мустақили андоз тариқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб) ва ё тестӣ гузаронида мешавад.

23. Натиҷаи аттестатсияи тахассусии машваратчиёни мустақили андоз бо тартиб додани протоколи ҷаласаи комиссияи аттестатсионӣ ба расмият дароварда шуда, он аз тарафи раис ва аъзои комиссия имзо карда мешавад.

24. Шахсе, ки аз шумораи умумии саволҳо ба зиёда аз 75 дарсади онҳо ҷавоби дуруст медиҳад, барои додани Шаҳодатномаи тахассусӣ тавсия дода мешавад.

25. Дар ҳолати норозӣ будан аз баҳои гузошташудаи комиссияи аттестатсионӣ шахс метавонад ба раиси комиссия муроҷиат намояд. Раиси комиссияи аттестатсионӣ дар иштироки аъзои он бо муроҷиаткунанда тариқи саволу ҷавоб ва ё тестӣ аттестатсияи такрории тахассусии машваратчиёни мустақили андозро мегузаронад. Баъд аз гузаронидани аттестатсияи такрорӣ баҳои гузошташудаи шахс дар ҳолати зарурӣ таҷдиди назар карда шуда,

ҳолати мазкур дар протоколи ҷаласаи  комиссияи аттестатсионӣ дарҷ карда мешавад.

26. Шаҳодатномаи тахассусӣ бо тавсияи комиссияи аттестатсионӣ аз ҷониби муассиса ва ё марказҳои таълимие, ки бо онҳо тибқи банди 14 Тартиб шартнома ба имзо расонида шудааст, тибқи замимаи Тартиб дар муҳлати 10 рӯз пас аз баимзорасии протоколи комиссияи аттестатсионӣ дода шуда, дар ин хусус Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба феҳристи дорандагони Шаҳодатномаи тахассусии машваратчии мустақили андоз дохил намудан хабадор карда мешавад.

27. Варақаи Шаҳодатномаи тахассусӣ дорои дараҷаи ҳифз, силсилаи ҳисобдорӣ ва рақам мебошад, ки дар он ислоҳкунӣ роҳ дода намешавад. Варақаҳои вайроншуда бо тартиб додани санад нест карда мешаванд.

28. Дар сурати гум шудани Шаҳодатномаи тахассусӣ, дорандаи он барои гирифтани нусха ҳуқуқ пайдо намуда, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар яке аз рӯзномаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ эълон нашр намуда, ба муассиса ва ё маркази таълимие, ки онро додааст, муроҷиат менамояд.

29. Ҳангоми аз нав додани Шаҳодатномаи тахассусӣ дар он силсила, рақам ва санаи қаблан додашуда нишон дода мешавад.

30. Шаҳодатномаи тахассусӣ ба муҳлати 3 сол дода шуда, он дар ҳолатҳои зерин метавонад бо қарори комиссияи аттестатсионӣ пеш аз муҳлат бекор карда шавад:

- дар асоси аризаи машваратчиёни мустақили андоз;
- дар асоси  аризаи андозсупоранда оид ба бе иҷозати он фош гардидани махфияти маълумоти дар рафти машварати андоз гирифташудаи машваратчиёни мустақили андоз;
- дар асоси муроҷиати мақомоти андоз ҳангоми ҷой доштани ҳолати дар давоми 12 моҳи тақвимӣ анҷом додани 2 ва ё зиёда қонунвайронкунӣ, ки барои кам ҳисоб шудани андозҳо асос гаштааст;
- дар асоси муроҷиати мақомоти андоз ё ҳифзи ҳуқуқ  ҳангоми ҷой доштанм ҳолати ба шахси дигар додани Шаҳодатномаи тахассусӣ барои анҷоми фаъолияти машваратӣ;
- барои содир намудани ҷинояти иқтисодӣ;
- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд, ки ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи фаъолият пешбинӣ менамояд ва ё ғайриқобили амал шуморида шудани машваратчиёни мустақили андоз.

31. Қарори комиссияи аттестатсионӣ оид ба пеш аз муҳлат бекор гардидани Шаҳодатномаи тахассусӣ бо мактуб ба суроғаи зисти дорандаи он ирсол карда шуда, дорандаи он уҳдадор аст Шаҳодатномаи тахассусиро дар

муҳлати на дертар аз 15 рӯз пас аз қабули он ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи  молия дастрас намояд.

32. Дорандаи Шаҳодатномаи тахассусӣ барои тамдид намудани муҳлати амали он мутобиқи боби 6 Тартиб ба курсҳои махсуси омодасозӣ фаро гирифта шуда, Шаҳодатномаи он ба муҳлати 3 сол тамдид карда мешавад.

33. Бе шаҳодатномаи тахассусӣ амалӣ намудани фаъолият ҳамчун машваратчии мустақили андоз манъ аст.

Замима
ба Тартиб ва шартҳои
фаъолияти машваратчиёни
мустақили андоз ва аттестатсияи
тахассусии онҳо

Номи муассиса ва ё маркази таълимие, ки шаҳодатномаи тахассусии машваратчиёни мустақили андозро додааст

# ШАҲОДАТНОМАИ
# ТАХАССУСИИ МАШВАРАТЧИИ МУСТАҚИЛИ АНДОЗ

Силсила: ___ №: ________

Дода шуд ба ________________________________________________________
__________________________________________________________________________

(Насаб, ном ва номи падар)

Асос: Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ аз ____________________ №___

Оғози эътибор:______________

Анҷоми эътибор:_____________

Мувофиқа карда шуд:

Роҳбари муассиса (марказ)-и таълимӣ

_________________________

(Насаб, ном ва номи падар)

Ҷойи муҳр

Раиси комиссияи аттестатсионӣ

_________________________

(Насаб, ном ва номи падар)

Ҷойи муҳр

Рақами тартибии варақа